# Рушди шогирд

# 6

# 2

## Ман чӣ бояд кунам?

Мо хурсандем, ки шумо ба омӯзиши Библия майл пайдо кардед. Курсҳои Библия, ки мо ба шумо пешниҳод менамоем, ба шумо тасаввуроти амиқе дар бораи Библия медиҳанд ва барои сарвати рӯҳонии ӯро соҳиб гаштан ба шумо кӯмак мерасонанд.

Дар пеши худ мақсад гузоред, ки то ҳаддалимкон рӯзе як дарсро хонед.

Лутфан дар болои лифофа номатон, фамилияатон, насабатон, рақами ҳуҷра , номи муассиса ва нишонии пурраи почтаатонро бо ҳуруфоти чопӣ нависед.

Ба Худо ибодат кунед ва аз Ӯ хоҳиш намоед, ки барои фаҳмидани Каломаш ба шумо мадад расонад (Забур 118:18). Библия мегӯяд, ки Худо **«Ба толибони худ мукофот медиҳад» (Ба Ибриён 11:6)**

Бодиққат ҳар як саволро хонед. Ба ҳар як савол ҷавобе аз сурудҳои Библия пайдо менамоед. Дар ҳар як савол ишорае ба яке аз сурудҳои мувофиқи Библия мебошад. Мисол, барои ёфтани суруди 3:16 аз Инҷили Юҳанно шумо ба мундариҷаи Библияатон нигоҳ кунед. Вай ба шумо саҳифаи оғозшавии Инҷили Юҳанноро нишон медиҳад. Рақами «3» ин боби 3 аст ва рақами «16» рақами ояти 16-ум мебошад.

Пас аз бодиққат хондани порчаҳои Библия кӯтоҳакак ба саволҳо бо суханони худ ҷавоб нависед. Хоҳиш мекунем, порчаҳоро аз Библия пурра рӯйнавис нанамоед. (Ба ҷавобҳои намунавӣ нигаред). Лутфан тамоми курсро пур намоед ва ба лифофаи иловакардашуда андохта ба мо баргардонед.

## Дар намояндагии мо

Пас аз он ки мо ҷавобҳои шуморо месанҷем ва баҳо мегузорем, ба шумо шаҳодатномаи хатми курсҳои Библияро мефиристем. Шаҳодатномаро дар худ нигоҳ доред. Мо натиҷаи ҷавобҳои шуморо дар намояндагиамон нигоҳ медорем.

Барои тафтиши кори шумо вақт лозим аст. Лутфан пуртоқат бошед. Мо ба шумо курсҳои навро чӣ қадаре, ки метавонем тезтар мефиристем.

## Биёед ошкоро гап мезанем.

Якчанд кормандони миссияи мо ҷавобҳои шуморо месанҷанд, бинобар ин аз эҳтимол дур нест, ки шарҳдиҳии кори шумо аз тарафи инструкторони гуногун оятт гиранд. Мо хурсанд мешудем, агар ақидаҳои шуморо дар бораи курсҳоямон медонистем. Эродҳо ва шарҳдиҳии шумо дар бораи шуморо донистан ва инчунин эҳтиёҷоти шуморо фаҳмидан ёрӣ мерасонанд. Лутфан ба мо нависед, агар дар

шумо саволе оид ба Библия, Худованд ё дигар масоили рӯҳонӣ пайдо гаштаанд. Онҳоро дар варақаи алоҳида нависед ва дар лифофа ҳамроҳи курсҳои пур кардаатон гузоред.

**ГИРИФТЕД,**

**ТО ИН КИ ДИҲЕД**

**«Муфт ёфтаед, муфт диҳед» (Матто 10:8)-**ҳамин ҳақиқати рӯҳи масеҳист. Шумо бояд фотеҳаи хайрро, ки аз Худованд гирифтаед, бо ҳам бинед.

Шахсан ба дастоварди ин мақсад омӯзиши барномаи Библияи мо нигаронида шудааст…Вақте ки Шумо ҳақиқатро бо дигар одамон бо ҳам мебинед, он гоҳ мебинед, ки он ба ҳаёти Шумо низ дахолат менамояд. Бинобар ин вақте ки Худованд ба воситаи Навишта ба Шумо чизеро ошкор месозад, Шумо тез онро бо дигар одамон бо ҳам бинед. Рӯҳулқудс фотеҳаҳои нав ба навро истифода мебарад, то ин ки аз дигар ҷоннок ва рӯҳбаланд гардонад, ё ин ки беимононро ба зарурияти қабул кардани Масеҳ водор созад. Ибодат намоед, то ин ки Худованд дарҳоро ба рӯятон кушояд.

**«Шодӣ барои одам дар ҷавоби даҳони Ӯст, чӣ хуш аст сухани бамавқеъ!»**
**Масалҳо 15:23**

Ба ғайр аз додани он чизе, ки Шумо аз Калом омӯхтаед, Шумо мехоҳед, ба одамон ёрӣ диҳед, то ин ки онҳо дорои фотеҳаи аз «**Нақшаи таълимӣ**» гирифтаи Шумо гарданд. Аз Худованд хоҳиш намоед, ки Шуморо ба ёрии касе барои омӯхтани китоби якум фиристад. Шояд Шумо якчанд одамро медонед, ки мақсади омӯзиши якҷояро доранд. Вақте ки Шумо ба ягон кас дар бораи ин курс гап мезанед, ба ин одам шарҳ диҳед, ки Библия барои Шумо чӣ маънӣ дорад ва чаро. Бо Ӯ якҷоя ба як-ду саволи аввал ҷавоб дода, сар карданро ёрӣ диҳед. Баъд аз он дар бораи вохӯрӣ пас аз чанд рӯз маслиҳат кунед, то ин ки якҷоя тамоми дарсро тафтиш намоед.

Иштирок кардан дар татбиқи Нақшаи Худованд, паҳн намудани Башорати Исои Масеҳ дар тамоми ҷаҳон-имтиёзи бузургест. Худованд мехоҳад, ки ҳар як имондор шогирди Ӯ бошад.

Шогирдӣ ин маънии интизомнокӣ, тайёрӣ, хидматгузорӣ ва иштироки фаъолона дар кори Худовандро дорад.

Шумо мавзӯъҳои зеринро омӯхтаистода, ин гуна ҳаётро беҳтар фаҳмида метавонед.

- **Шогирд кист?**

- **Сариштакунандаи масъул.**
- **Чӣ тавр ба одамон дар ёфтани Масеҳ кӯмак расонидан мумкин?**
- **Одам аз боло тавлид ёфт. Баъд чӣ?**
- **Биниши васеъ.**

Дар ҳар як боб Шумо ба **«Саволҳо барои андеша»** дучор меоед. Онҳо барои ин таъин шудаанд, ки диққати Шуморо ба ин ё он фикри мушаххас равона созанд.

**ДИҚҚАТ:** Агар дар рафти омӯзиш ба ягон калимаи ношинос дучор мегардед, барои ёрӣ ба фарҳанги хуб рӯй оред.

***БОБИ ЯКУМ***

## ШОГИРД КИСТ?

Маънии аз ҳама оддии калимаи «**шогирд**»-ин «**хонанда»** ё «**пайрав»** аст. Суқрот шогирдон дошт, Юҳанно шогирдон дошт ва Уинстон Черчилл низ шогирдон дошт. Вале оё Исо танҳо ин маъниро дар калимаи **«шогирд»** дидан мехост? Не! Исо мехоҳад, дар тамоми дунё чунин шогирдонеро ба воя расонад, ки онҳо ба корҳои азимтаре нисбати пайравӣ қодир бошанд.

## ИСО БА КАЛИМАИ «ШОГИРД» Чӣ МАЪНИРО МЕГУЗОШТ?

1. **Луқо 14:25-33**-ро хонед.

А. Мувофиқи навиштаҳо дар оятҳои зерин шогирд кадом тавсифҳоро дорост?
**Ояти 26**________________________________________________________
**Ояти 27**________________________________________________________
**Ояти 33**________________________________________________________
Барои дуруст фаҳмидани калимаи «**лоиқ набудан»**
**Матто 10:37**-ро бингаред.
Б. Шумо чӣ фикр доред, ин чӣ аст: ошкоркунии берунӣ, муносибати дохилӣ ва ё ҳар ду? ҷавобро шарҳ диҳед.
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

___________________________________________________________________
___________________________________________________________________
___________________________________________________________________
_______________

2. Аз рӯи суханони Исо кадом амалҳо бояд шогирдони Ӯро фарқ кунонанд? Барои ҳар як ояти дар ҷадвал омада, ҷойҳои параллелро хонед. Боз ягон ояти дигарро нишон диҳед, ки дар он сухан дар бораи тавсифи шогирд равад.

| ОЯТ | АМАЛ | ҶОЙҲОИ ПАРАЛЛЕЛ |
|---|---|---|

**Юҳанно 8:31**____________________________________________
**Юҳанно 13:34,35**_________________________________________
**Юҳанно 15:8**____________________________________________

3. Оятҳои дар саволҳои 1,2 зикрёфтаро хонед ва тавсифи кӯтоҳи калимаи шогирдро диҳед.

___________________________________________________________________
___________________________________________________________________
___________________________________________________________________

4.Исо назди Шогирдонаш талаботҳои баландеро гузошт. Шумо чӣ фикр доред, чаро Ӯ нисбати шогирдонаш бисёр серталаб мебошад?

___________________________________________________________________
___________________________________________________________________
___________________________________________________________________

## ШОГИРД ИН ОНЕСТ, КИ МЕХОНАД

Исо Шуморо даъват мекунад, ки ҳамроҳи Ӯ ба мактаб равед. Дар **Луқо 2:46** мебинед, ки Ӯ дар маъбад чӣ тавр гӯш мекунад ва савол медиҳад. Шумо мебинед, ки Ӯ дар давраи хидматгузорӣ ба гурӯҳи шогирдон мегӯяд: «**Шумо аз дарахти анҷир ибрат гиред**». Дар **Ибриён 5:8** дар бораи ҳаёти заминии Ӯ гап меравад: «**Ва агарчӣ Писар буд, ба василаи уқубатҳо ба итоат омӯхта шуд»,** Исо тамоми ҳаёташ меомӯхт.

5. Шогирдро чӣ бояд фарқ кунонад? **Масалҳо 12:1, 4:13**

___________________________________________________________________
__________________________________________________

6. Аз кӣ Шумо омӯхта метавонед?

**Масалҳо 27:17**_____________________________________________

**Масалҳо 4:1**________________________________________________
**Ибриён 13:7,8**________________________________________________
**Матто 11:29**_________________________________________________
**Юҳанно 6:45**________________________________________________

7. Павлус Қӯринтиёнро ба чӣ даъват менамояд? **1 Қӯринтиён 14:20**

______________________________________________________________
______________________________________________________________

**«Худи рафти инкишофи муносибатҳои нав, ҳосил кардани малакаи нав, ташаккулёбии муносибатҳои нав, рафти тадқиқот, таваккал, муоина, ислоҳот, азнавкунӣ, хулласи гап таълим- ҳаёти моро ба он саргузашти оличанобе табдил медиҳад, ки онро ба мо Исои Масеҳ ваъда кардааст. Дар Юҳанно 10:10 Ӯ гуфтааст: «Ман омадаам, то ки онҳо ҳаёт ёбанд ва онро ба фаровонӣ дошта бошанд». Агар Шумо намеомӯзед, пас Шумо зиндагӣ намекунед. Охир ин ба ҳама маълум аст!».** Валдрон Скотт

8. Чаро ба Шумо маслиҳат лозим аст? **Масалҳо 11:14**

________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
_____________________________________________

## Савол барои андеша

**Масалҳо 24:30-34**-ро хонед. Аз ин оятҳо Шумо дар бораи одами кундзеҳн чиро дониста мегиред?

________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________

## АРЗИШИ ШОГИРДӣ

9. Исо ба ононе, ки шогирдони Ӯ шудан мехоҳанд, ба диққат гирифтани чиро маслиҳат медиҳад?
**Луқо 14:28-32**

________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
_____________________________________________

10.Омӯзиш дар назди Исо кадом қурбониро металабад? **Луқо 9:57-62**

________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
_____________________________________________

**Савол барои андеша**

**Румиён 12:1,2**-ро бодиққат хонед. Ибораи «**қурбонии зинда»**-ро шумо чӣ тавр маънидод мекардед?

___

___

___

11. **Луқо 9:23-26**-ро хонед.
а. Шумо чӣ фикр доред, «**хештанро инкор намудан»** чӣ маънӣ дорад?
___

**б. «Салиби худро бардоштан**» чӣ маънӣ дорад?
___

___

в. Шумо чӣ тавр ҳаёти худро наҷот дода метавонед?
___

**«Одами боақл он чиро медиҳад, ки нигоҳ дошта наметавонад, то ин ки он чиро гирад, ки гум карда наметавонад».**

**Чим Эллиот**

12. Боз як бор дар бораи Худовандии Исои Масеҳ дар боби дуюми китоби сеюм хонед. Ибодатомез дар партави оятҳои худи ҳозиракак хондаатон дар бораи ҳаётатон фикр кунед. Шумо бояд кадом қарори навро қабул намоед?

___

___

___

___

**«Имондории ҳақиқӣ он ҷое сар мешавад, ки мо худро ба он Худованде месупорем, ки Худро дар Масеҳ айён намуд, вақте ки мо худро чӣ қадаре, ки метавонем, ба оне медиҳем, ки Ӯро медонем».**

**Самуил Шумейко**

## КӮШИШУ ҒАЙРАТ ВА ИНТИЗОМ

**«Одам метавонад табаррук, бахшидашуда ва вафодор бошад, вале агар ӯ интизом надорад, арзиши ӯ тини пӯчакест».**

**Хадсон Тейлор**

13. Дар Аҳди ҷадид ҳаёти одами масеҳӣ ба давидани марафонӣ қиёс карда мешавад**. 1 Қӯринтиён 9:24-27-**ро хонед. Аз рӯи гуфтаҳои Павлус масофаро мо бояд чӣ гуна тай намоем?

Дигар омилҳои муҳими дар масофаи дароз давиданро номбар кунед. Дар «**давидан**»-и шогирд ин талаботҳо чӣ гуна истифода мешаванд?

14. Дар **Ибриён 12:1,2** мо инчунин дар бораи давиши марафонӣ мехонем.
А. Барои анҷом додани давиш ба одами масеҳӣ чӣ монеъ мешавад?

Б. Шумо чӣ тавр бояд давед?

В. Шумо дар вақти давидан чӣ хел бояд нигоҳ кунед?

Г. Ҳаёти Исо ба Шумо барои чӣ хел давидан илҳом мебахшад?

15. Дар **2 Тимотиюс 2:3-6** Павлус одами масеҳиро ба се намуди одамон қиёс менамояд. Дар бораи кадом намуд гап меравад?

Яке аз ин намуди одамонро интихоб намоед ва нависед, ки чӣ тавр тарзи ҳаёти ӯ тимсоли ҳаёти масеҳии боинтизом ва боғайрат шуда метавонад.

16. Кӯшишу ғайрат ва интизом дар ҳаёти шогирди Масеҳ кадом ҷойро ишғол мекунад? Агар Шумо боварӣ надоред, ки маънии ин калимаҳоро дуруст намефаҳмед, барои ёрӣ ба фарҳанг муроҷиат намоед. **Ибриён 6:11, 12.**

___

То ин ки кореро кунед, Шумо бояд чор қадами зеринро гузоред:

🗁🖎**Хоҳиш, 2. қарор, 3. қатъият ва 4. Интизом**.

Биёед ба сифати мисол одамеро орем, ки пеш аз ба кор баромадан вақташро бо Худо гузаронидан мехоҳад. Ӯ мефаҳмад, ки барои ин ба ӯ барвақт хестан лозим аст ва ӯ соати 6.30 хестанро қарор медиҳад.

Вале ӯ дар хоб монд, чунки хоҳиш ва қарор натавонистанд, ӯро дар вақти лозимӣ аз хоб хезонанд. Дар он вақт ӯ пур аз қатъият аст, то ин ки аз соати бедоркунак истифода барад.

## 3. ҚАТЪИЯТ

Вале санҷиши асосӣ он вақте сар мешавад, ки ин соати бедоркунак занг заданро оғоз менамояд. Акнун бисёр чиз ба интизом вобаста мебошад. Ӯ бояд занги соатро хомӯш намояд ва пас аз ин хоб наравад.

## 4. ИНТИЗОМ

Дар натиҷаи интизомро мунтазам нигоҳ доштан дар одам одатҳои хуб ҳосил мешаванд. Мунтазамӣ бошад қатъият ва кӯшишҳои рӯзмарраро металабад.

17. Интизом ба ташаккулёбии одами комил ёрӣ мерасонад. Баъзе вақт дар Аҳди ҷадид барои тасвири одами масеҳии пухта калимаи «**комил**» истифода бурда мешавад. Дар асл бо забони юнонӣ ин калима маънии «**анҷомёфта, балоғатрасида»-**ро дорад. Кадом муносибат масеҳии «**комил**» ё пухтарасидаро фарқ мекунонад?
**Филиппиён 3:12-15**

___

Шумо чӣ фикр доред, кадом муносибат масеҳии ғайрикомилро тавсиф менамояд?

___

18. Дар **Қӯлассиён 3:17** дар бораи кӯшишу ғайрат чӣ гуфта мешавад?

19.Чаро, то ин ки шогирди Масеҳ бошем, дар дил чунин муносибат лозим аст? **Масалҳо 4:23**

20. Дар кадом соҳаҳо Шумо бояд интизомро ҳосил намоед? Шумо ин корро чӣ тарз кардан мехоҳед?

–

## ХУЛОСА

Боз як бор саволҳо ва ҷавобҳои ин бобро хонед ва мустақилона хулоса нависед.

–

***БОБИ ДУЮМ***

## САРИШТАКУНАНДАИ МАСЪУЛ

Дар амали сариштакунӣ сариштакунии моликияти касе ворид мешавад. Одами масеҳӣ бояд ҳаёти худ ва моликияти худро сариишта кунад, чунки ин ҳар ду ба Худованд тааллуқ доранд. Азбаски масеҳиён назди Худованд масъулият доранд, онҳо бояд ба қадри вақти худ, ҳадяҳои худ, пулҳо ва ҷисмҳои худ расанд.

## САРИШТАКУНАНДАИ ЗАХИРАҲОИ ХУДОВАНД

1. Дар **1 Қӯринтиён 4:2** дар назди муваккалон (сариштакунандагон) кадом талаботҳо гузошта шудааст? ҷойҳои параллелиашро хонда, фаҳмонед, ки ин ба Шумо чӣ маънӣ мебахшад.

2. Дар кадом соҳаҳо Худованд мехоҳад, ки Шумо муваккалони содиқ бошед?

**Эфсӯсиён 5:15,16**______________________________________________
**Румиён 12:6**__________________________________________________
**Масалҳо 3:9,10**_______________________________________________
**1 Қӯринтиён 6:19,2**____________________________________________

**Савол барои андеша**

Садоқатмандии хидматгор чӣ гуна муайян карда мешавад? **Матто 25:14-30**
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

## ИСТИФОДАБАРИИ ВАҚТ

Ба ҳар як мард, ба ҳар як зан, ба ҳар як кӯдак дар як ҳафта 168 соат бовар карда шудааст. Шумо чӣ тавр ин вақтро истифода мебаред? Шумо вақтро «**кушта**» ва ё боақлона истифода бурда метавонед. Чӣ тавр вақтро истифода бурдани Шуморо пешқадамиатон собит месозад.

3. **Матто 6:25:34**-ро хонед.

а. Имондор чиро бояд ҷӯяд? **ояти 33**

_____________________________________________________________

б. «**Малакути Худо**»-ро тавсиф намоед.
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
___________________________________________

г. Акнун ин тавсифро истифода бурда **Матто 6:33**-ро рӯйнавис намоед.
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
_

4. Дар силсилаи арзишҳои Худованди чӣ нисбати ғамхорӣ ба калисо болотар меистад? **1 Тимотиюс 3:4,5,12**

______________________________________________________________________

5. Павлус нисбати кор чӣ гуна баҳо медиҳад? **2 Таслӯникиён 3:7-9**
______________________________________________________________________
____________________________________________________

6. Соҳаҳои зерини ҳаётатонро аз рӯи муҳимияташон дар ҳаёти имрӯзаатон бо тартиб рақамгузорӣ намоед. Сипас онҳоро мувофиқи нақшаи Худованд дар ҳаётатон рақамгузорӣ намоед.

**Якӯмии ( пешқадамии)ман** **Якӯмии Худованд**

- **Кор (касб ё хониш)**
- **Худо (рушди муносибат бо Ӯ)**
- **Оила (муҳаббат ва ғамхорӣ, дастгирӣ)**
- **Хидматгузорӣ (шаҳодати шахсӣ)**
- **Дигарон (корҳои ҷамъиятӣ, кори дӯстдошта, истироҳат ва ғайра)**

Оё ба Шумо коре кардан лозим аст, то якӯмиҳои худро мувофиқи якӯмиҳои Худованд намоед? Барои ин зарурияти иваз кардани реҷаатон ба миён меояд. Барои ҳафтаи гузашта реҷа тартиб додаистода фаромӯш нанамоед, ки миқдори соатҳои ҷудокардашуда на ҳама вақт тартиби дурусти якӯмиҳоро ифода мекунад. Муносибату нуқтаи назари Шумо сифати вақти ба ҳар як амал ҷудо кардаи Шуморо ифода менамояд.

7. Яке аз тағйиротҳо ба реҷаро, ки Шумо бояд намоед, номбар кунед.

______________________________________________________________________

_____________________________________________________

# 13

Якӯмиҳои Худованд барои Шумо бетағйиранд, ки инро дар бораи амал гуфтан мумкин аст. Шумо бояд мунтазам истифодабарии вақтро ба назорат гиред, ва мувозинати байни амалҳои барои Шумо муайяннамудаи Худоро риоя намоед. Калиди дуруст ҷо ба ҷокунии якӯмиҳо дар ҳаёти Шумо кушодадилии мунтазами Шумо бо Масеҳ мебошад.




**Савол барои андеша**

**Эфсӯсиён 5:15-21**-ро хонед. Павлус дар бораи истифодабарии дурусти вақт чӣ мегӯяд? Шумо аз маслиҳати ӯ чӣ тавр истифода бурда метавонед?

**Вақтро чӣ тавр боақлона бояд тақсим кард:**

1. **Ба нақшагирии ибодат-** Корҳои карда мешударо аз рӯи тартиби моҳияташон нависед. (**ДИҚҚАТ**: Бад хубро метавонад, тира созад).
2. **Интихоби дуруст-** Аввал заруриҳоро ба анҷом расонед, вале баъд бо имон ҳама ба анҷом нарасидаҳоро ба Худованд супоред.(**ДИҚҚАТ**: На ҳама он чиз ки муҳим ба назар мерасад, дар ҳақиқат муҳим аст).

3. **Ҷамъкунӣ ва ҷидду ҷаҳд-** Он чиро, ки мекунед, аз сидқи дил намоед. Ба ду амал якбора даст назанед.

## ИСТИФОДАБАРИИ ҲАДЯҲО

8. Худо ба ҳар як масеҳӣ чиро дод? ҳадафи ин ҳадя чист?
**1 Петрус 4:10**

_______________________________________________
_______________________________________________
_______________________________________________
________________________

9. **Румиён 12:3-8-**ро хонед
а. Кадом ҳадяҳоро Худо ба масеҳиён дод? Дар фарҳанг ба он калимаҳое нигаред, ки маънии онҳо ба Шумо номаълум аст.

_______________________________________________
_______________________________________________
_______________________________________________
_______________________________________________
__________________

б. Имондор дар бораи худ ва ҳадяҳояш чӣ бояд кунад? **ояти 3**

_______________________________________________
_______________________________________________
______________________________

в.Таълимоти Павлусро дар бораи он ки чӣ тавр имондорон бояд ҳадяҳои аз ҷониби Худованд гирифтаашонро истифода баранд, ҷамъбаст намоед.

_______________________________________________
_______________________________________________
_______________________________________________
________________________

Ба ҳар як одам Худованд намуди махсус, меҳнатдӯстӣ, овоз, лаёқат, ҷиҳатҳои пурқуввату заиф ва ғайра лоиқ дидааст. Бинобар ин ҳар як одам аз вазъи худ дар Бадани Масеҳ буданро бо дигарон бинад, хислатҳои Масеҳро айён намуда, ҳамаи он чиро, ки Худо ба ӯ додааст, истифода бурда, дигар масеҳиёнро панд диҳад.

10. ҳавворӣ Павлус дар бораи се ҷиҳати боқуввати худ (шавқу завқ, лаёқати роҳбарӣ ва истеъдоди наттоқӣ) ва як ҷиҳати сусти худ (беихтиёрона ҳаракат кардан) гап мезанад.

_______________________________________________
____________________________________

Яке аз ҷиҳати пурқуввати худро интихоб намоед. Шумо онро вақти хидматгузорӣ чӣ гуна истифода мебаред?

_______________________________________________________________________________

_______________________________________________________________________________

_________________________________________________

## ИСТИФОДАБАРИИ ПУЛ

**«Сариштакунии пул-ин бештар техника не, балки муносибат дар дил аст. Вақте ки гап дар бораи муносибат дар дил меравад, ба саҳна ҳиссиёт мебарояд. ҳамин тавр сариштакунии пул- ин худидоракунӣ, ё назорати одам аз болои ҳиссиёташ мебошад. То он вақте ки одам назорат кардани худро намеомӯзад, вай наметавонад воситаҳои пулии худро, дар баробари ин одатҳои худро, вақти худро ва хислати худро назорат намояд. Тартиб дар пул одатан интизоми одамро ифода менамояд».**

**Роберт ҷ. Хастингс**

11. Чаро муносибати дуруст бо пул чунин муҳим аст?
**1 Тимотиюс 6:10**

_______________________________________________________________________________

____________________________________________________________

12. Дар оятҳои зерин сухан дар бораи истифодабарии пул меравад. Ин оятҳоро муқобили тавсифҳои мувофиқ нависед.

**Масалҳо 20:10, Масалҳо 22:7, Луқо 12:5,**
**Луқо 16:11, Эфсӯсиён 4:28**

Пул кор кардан барои ёрӣ ба эҳтиёҷмандон________________________

**оят**

Пешгирии ҷамъ намудани боигарӣ______________________________
қарз гирифтани пул ва вазъияти қарздор__________________________
Бовиҷдонӣ дар масъалаи пулӣ____________________________________
Дуруст истифода бурдани пул_____________________________________

***«Пул хизматгори хуб, вале хӯҷаини бад аст»***

13.**2 Қўринтиён 9-**ро хонед. Дар бораи кадом талаботҳои хайрот дар оятҳои зерин гап меравад?

**ояти 6**_______________________________________________________

_______________________________________________________________

**ояти 7**_______________________________________________________

_______________________________________________________________

**ояти 8**_______________________________________________________

________________________________________________________________

**ояти 12**______________________________________________________

________________________________________________________________

**ояти 13**______________________________________________________

________________________________________________________________

**ояти 15**_____________________________________________________

_______________________________________________________________

Бисёриҳо аллакай фаҳмидаанд, ки ба нақша гирифтани хайрот на танҳо ба Библия мувофиқат мекунад. Ба нақша гирифтан аз хайроти номунтазам ва беақлона пешгирӣ менамояд. Имрӯз, ки ба вақти Шумо бисёр талаботҳо гузошта мешавад ва ба Шумо
имкониятҳои бузурге пешниҳод мегарданд, то ба касе бо хайрот кӯмак расонед, нақшаи хайрот ёрӣ медиҳад, то тавассути пулатон Худовандро ситоиш намоед.

**Ин нақша аз се модда иборат аст:**

(1) **Ҳал кунед**, чанд фоизи даромадатонро Шумо ба Худованд бармегардонед-минимум, ки аз он камтар Шумо нахоҳед кард.

(2) **Ҳиссаи Худовандро** пас аз ҳар пул гирифтан **пасандоз намоед**. Ин корро кунед, то ин ки пас ин пулҳоро бо амри Ӯ истифода баред. Шумо аз ин пулҳо барои қаноатбахш гардонидани эҳтиёҷоти худ нагиред.

(3) **Бо ибодат ба нақша гиред**, ки ин пулҳоро Шумо чӣ хел бояд тақсим намоед. Беҳтараш инро мунтазам-ҳафтае як маротиба ё моҳе як маротиба иҷро намоед.

Қурбонии иловагӣ намоед ва фоизи хайротро вобаста ба он ки Худованд имондорию даромади Шуморо зиёд мегардонад, зиёдтар намоед. Агар Шумо ба Ӯ боигарии моддиатонро бовар менамояд, Ӯ ба Шумо боигарии рӯҳонӣ-ваъдаашро бовар мекунад (**Луқо 16:9-12, Филиппиён 4:17).**

Одаме, ки ба Худованд пулҳояшро мебахшад, ӯ ба Худованд ҳамаашро- маҳсули вақташ, истеъдод ва қувваташро мебахшад. Он касе ки пулҳояшро ба Худованд набахшид, пурра ба ӯ содиқ нест. ҳамин тавр нақшаи қурбоникунии худро тартиб диҳед.

## НАҚШАИ ҚУРБОНИКУНИИ МАН

Ба кӣ ва дар куҷо қурбонӣ карданро ман ба нақша мегирам:_______________________________________________
Чӣ миқдор пулро ман қурбонӣ кардан ният дорам:__________
Кай ман нияти қурбонӣ кардан дорам:______________________
Чаро ман чунин рафтор кардан мехоҳам:____________________
___________________________________________________________________
________________________________________________

## ҒАМХОРӢ ДАР БОРАИ БАДАНИ ҶИСМОНӢ

14. Шумо ба кӣ тааллуқ доред? «**Маъбади Рӯҳулқудс**» будан чӣ маънӣ дорад? 1 **Қӯринтиён 6:19, 20**

________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
____________________________________

15. **Румиён 12:1,2**-ро хонед. Павлус бо бадани худ чӣ кор карданро чӣ гуна амр менамояд?

________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
_____________________________________________

**Чаро?**_________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________

16. Ғайри беҳбудии рӯҳонӣ Юҳанно боз дар бораи чӣ ғамхорӣ менамуд? **3 Юҳанно 2.**

_______________________________________________________________

Шумо дар бораи баданатон бояд ғамхорӣ намоед, чунки он маъбади Рӯҳулқудс мебошад. Тиб муқаррар кардааст, ки одам беҳтар кор ва фикр мекунад, ки агар Ӯ миқдори муайяни хӯрок, хобро риоя намояд ва бо спорт машғул гардад.

17. Аз рӯйхати дар зер овардашуда соҳаеро интихоб намоед, ки дар он Шумо нисбати баданатон бояд ғамхории хоссае зоҳир намоед. Вазъияти мавҷударо Шумо чӣ гуна нияти иваз кардан доред?

**Парҳези муайянро риоя намудан________________________________**
**Мунтазам бо спорт машғул шудан_______________________________**
**Истироҳати комил_____________________________________________**
**Тарк намудани одатҳои бад_____________________________________**

**ХУЛОСА**

Боз як бор саволҳою ҷавобҳои ин бобро хонед ва мустақилона хулоса нависед.
___________________________________________________________________________
___________________________________________________________________________
___________________________________________________________________________
_

***БОБИ СЕЮМ***

**ЧӢ ТАВР БА ОДАМОН КӮМАК РАСОНД,**

**ТО МАСЕҲРО ПАЙДО НАМОЯНД?**

Шаҳодат бояд натиҷаи асосии омӯзиши Шумо дар ин курс бошад. Ба андозаи он ки Худованд чӣ тавр ба Шумо чизи наверо аз Каломаш мекушояд, дар Шумо хоҳиши ин чизро бо дигар одамон бо ҳам дидан пайдо мешавад. Агар Шумо омода ҳастед, Рӯҳулқудс Шуморо барои бедор кардани беимонон истифода мебарад. Шумо бояд донед, чӣ тавр тайёрӣ дидан лозим, барои додани Башорати Исои Масеҳ ба атрофиёнатон.

**«Башорат ин зоҳиршавии иловагии мавҷудияти Шумо нест. Ин қалби он чизест, ки Шумо барои он даъват шудаед ва Шумо бояд иҷро намоед».**

**Роберт Коулмэн**

**ЧӢ ТАВР БОЯД ТАЙЁР ШУД**

1. Чӣ тавр Шумо беҳтар барои Башорат омода шуда метавонед? ҷавобро шарҳ диҳед. **Матто 4:19**

2. Дар **Филиппиён 2:14-16** Павлус ҳаётеро тасвир менамояд, ки он ба одамон Масеҳро ошкор намуда, ононро ба худ ҷалб менамояд. Ба чӣ андоза ҳаёти Шумо ба навиштаи Павлус мувофиқат менамояд? Собит намоед, ки Шумо ҳамаи суханони истифодабурдаи Павлусро дуруст мефаҳмед ва ҳаёти худро аз рӯи

дараҷаи даҳбалла баҳо медиҳед.

**БАҲО**

Ҳама чизҳои беғур-ғуру бешубҳа шаванда________________________
Бемаломат ва тоза_______________________________________________
Бенуқс____________________________________________________________
Дурахшон чун ситора_____________________________________________
Ҳаёти дорои Калом_______________________________________________

Ба кори кадом соҳа Шумо бояд бештар диққат диҳед?
Шумо дар ин соҳа чӣ кор карда метавонед?

3. Павлус барои ононе  ибодат намуд, ки ҳоло Масеҳро дарк насохтаанд. (**Румиён 10:1**). Мувофиқи оятҳои зерин Шумо чӣ тавр барои беимонон ибодат карда метавонед?

**Юҳанно 16:8,9**___________________________________________________

**Юҳанно 6:44**_____________________________________________________
**1 Тимотиюс 2:1-4**_________________________________________________

4. Дар бораи шаҳодатдиҳӣ барои Масеҳ Шумо чӣ гуна омодагӣ дида метавонед?

**1 Петрус 3:15**____________________________________________________
**2 Тимотиюс 2:15**__________________________________________________

# 20

## БАРҚАРОРКУНИИ МУНОСИБАТИ ТАРАФАЙН

5.**Матто 9:1-12-ро** хонед. Исо бо кадом одамон муносибат мекард?

____________________________________________________________

Дар кадом шароитҳо Исо муносибати тарафайнро дар ин оятҳо барқарор менамуд?

____________________________________________________________

6. Дар куҷо Павлус ба одамон дар бораи Масеҳ нақл менамуд? **Аъмол 20:20**

____________________________________________________________

**(Барои омӯзиши амиқи ин савол боби 5 китоби дуюмро бингаред. Боз як бор шаҳодати худро хонед. Ин барои самаранок бо дигар одамон бо ҳам диданатон ёрӣ мерасонад).**

Тарғибкунии Башорат-яке аз имтиёзҳои барҷастатарини имондор аст. Саволҳои гуногун метавонанд ёрӣ диҳанд, то Шумо сӯҳбатро ба масъалаҳои рӯҳонӣ нигаронед. Шумо метавонед муҳокимаро пеш ронед, вале на ин ки онро роҳбарӣ намоед. Одатан ба он шахсе, ки муҳокимаро пеш меронад, зарурияти ба саволҳо ҷавоб додан пеш намеояд, чунки вай худаш онҳоро пеш мегузорад.

7. ҳафт одамро номбар кунед, ки Шумо мунтазам бо онҳо вомехӯред. Саволҳоеро фикр кунед, ки ба Шумо дар бораи бурдани сӯҳбат оид ба Башорати Исои Масеҳ кӯмак мерасонад. Навиштани ҳамаи инро фаромӯш нанамоед.

ВАЗЪИЯТ САВОЛ

| | |
|---|---|
| *«Донишҷӯй»* | *Чӣ тавр таҳсил ба муносибати Шумо ба Худованд ёрӣ расонд?* |
| *«Корчаллон»* | *Шумо бо коратон ба кадом дастовардҳо ноил шудан мехоҳед?* |
| *«Хизматчии ҳарбӣ»* | *Чаро дар дунё имрӯз ин қадар бисёр зулму таҷовуз аст?* |

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
____________________________________________________________

**ОШКОР НАМУДАНИ ЭҲТИЁҶОТ**

Исо эҳтиёҷоти одамонро дарк менамуд. Ӯ метавонист дар бораи он гап занад, ки одам беш аз ҳама ба чӣ ниёз дорад. Эҳтиёҷоти бештари ҳар як беимон дарк намудани Исо ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳанда аст. Вале ин хел одам метавонад, фикр кунад, ки аввал Ӯ бояд дигар эҳтиёҷоти ҳаёташро ҳал намояд. Ва ба Шумо зарур аст, ки ба Ӯ дар бораи ҳалли эҳтиёҷоти «**аввалинаш**» ёрӣ диҳед, пеш аз он ки Ӯ эҳтиёҷоти асилашро дарк намояд. Эҳтиёҷоти сохта дар натиҷаи мавҷудияти эҳтиёҷоти асил ба миён меояд.

8. **Маркӯс 10:17-22-**ро хонед. (Инчунин **Матто 19:16-30** ва
**Луқо 18:18-30**-ро хонед).
а. Эҳтиёҷоти сохтаи одам кадомҳоанд?
______________________________________________________________________
___________________________________________________

б. Эҳтиёҷоти ҳақиқии одам кадом аст?
______________________________________________________________________
___________________________________________________

в. Ҳама чизро ғайри ҳасисӣ номбар карда, Исо то ин ки ниёзмандиро муайян намояд, чӣ кор кард?
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
__________________________________________

г. Исо одамро ба ин гуна санҷиш дучор намуда, чӣ тавр ба ӯ муносибат менамуд?
____________________________________________________________

9.Вақти донистани эҳтиёҷоти фаҳмидани он муҳим аст, ки бисёр масъалаҳои тавлидкунандаи аломатҳои берунии дард ҳастанд. Дар **1 Юҳанно 2:15-17** сетои ин масъалаҳо нишон дода шудаанд: **шаҳвати ҷисм, шаҳвати чашм ва ғурури маишатӣ.** Барои ҳар як масъала имкониятҳои аломатҳои берунаро нишон диҳед.

**Масъала**: ***шаҳвати ҷисм***

